# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Дар бораи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда ва Номгӯи ашёи хоми дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда

Мутобиқи моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда ва Номгӯи ашёи хоми дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули иттилоотро оид ба татбиқи имтиёзҳои пешбинишуда дар мӯҳлатҳои муқарраргардида амалӣ намоянд.

3. Мақомоти ваколатдор дар соҳаи саноат, кишоварзӣ, молия, иқтисод ва дастгирии соҳибкорӣ дар якҷоягӣ таҳлили самаранокии имтиёзҳои барои ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда пешниҳодшавандаро гузаронида, ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон    Эмомалӣ Раҳмон

аз 22 июни соли 2019 № 327

ш.Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 22 июни соли 2019, № 327

# Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда

## *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда (минбаъд - Тартиби мазкур) мутобиқи сархати ҳаждаҳуми қисми 4 моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 20 моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшавандаро муайян мекунад.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои зерин истифода карда мешаванд:

- ашёи хоми воридотӣ - моле, ки (ба истиснои молҳои зераксизӣ ва ашёи хоми дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда) бо мақсади коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷониби молистеҳсолкунандагон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад;

- маҳсулоти коркардшаванда ва ниҳоӣ - моле, ки бо истифода аз ашёи хоми воридотӣ дар натиҷаи коркард дар сатҳи дилхоҳ аз чор аломати аввали мавқеи молии Номгӯи молии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир меёбад;

- молистеҳсолкунанда - шахси ҳуқуқӣ ва/ё соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки ашёи хоми воридотиро бевосита барои истеҳсоли маҳсулоти коркардшаванда ва ниҳоӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад;

- моли шартан иҷозатдодашуда - моле, ки иисбат ба он тибқи қонунгузории гумрук ва андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз имтиёз фароҳам оварда шудааст ва танҳо барои мақсадҳое истифода мешавад, ки ба шартҳои фароҳам овардани имтиёз мутобиқат менамояд.

## *2. ШАРТҲОИ ОЗОДКУНӢ АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА БОҶИ ГУМРУКӢ*

3. Ашёи хоми вориднамудаи молистеҳсолкунанда бо истифода аз имтиёзҳои дар банди 1 Тартиби мазкур дарҷгардида тибқи муқаррароти қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад.

4. Молистеҳсолкунанда ҳангоми пешниҳоди эъломияи бори гумрукӣ ба мақоми гумрук нусхаҳои оинномаи ҷамъият, иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, маълумот оид ба моли ниҳоии истеҳсолшаванда аз ашёи хоми воридшуда ва иқтидори истеҳсолии коргоҳро пешниҳод менамояд.

5. Ашёи хоми бо истифода аз имтиёзҳои андозиву гумрукӣ барасмиятдаровардашуда моли шартан иҷозатдодашуда ҳисобида шуда, истифодабарии мақсадноки онро мақомоти гумрук назорат менамояд.

6. Давраи коркарди пурра ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ашёи хоми воридшуда дувоздаҳ моҳ баъд аз рӯзи барасмиятдарории гумрукӣ ҳисобида мешавад. Молистеҳсолкунанда ба мақоми гумрук оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хом ҳар семоҳа тибқи муқаррароти қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд. Намуна (шакл, тартиб)-и ҳисобот аз ҷониби мақомоти гумрук тасдиқ карда мешавад.

7. Таҳвили минбаъдаи маҳсулоти коркардшуда ва ниҳоӣ тибқи муқаррароти қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти андозбандӣ қарор дода мешавад.

8. Дар ҳолати аз ҷониби молистеҳсолкунанда вайрон кардани муқаррароти банди 6 Тартиби мазкур маблағи озодшудаи андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ аз ҳаҷми ашёи хоми воридотии коркарднашуда тибқи қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

### *3. ТАШКИЛИ КОР ВОБАСТА БА АЗ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА БОҶИ ГУМРУКӢ ОЗОД НАМУДАНИ АШЁИ ХОМИ ҶИҲАТИ КОРКАРД ВА ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ НИҲОӢ ВОРИДШАВАНДА*

9. Тибқи банди 3 Тартиби мазкур мақомоти гумрук маълумот оид ба ашёи хоми ба расмияти гумрукӣ даровардашударо ба мақомоти андоз тариқи реҷаи "онлайн" пешниҳод менамояд.

10. Бо мақсади назорати минбаъдаи пардохти андоз аз арзиши иловашуда мақоми ваколатдор дар соҳаи андоз баъд аз гузаштани муҳлати дар банди 6 Тартиби мазкур пешбинишуда дар асоси маълумоти аз сарчашмаҳои системаи иттилоотӣ дастрасшуда, новобаста аз таҳвили минбаъдаи ашёи хом, андозро ҳисоб намуда, аз натиҷаи он бо нишондоди маблағи андози ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда ба мақомоти гумрук маълумот пешниҳод менамояд.

11. Рӯйхати молистеҳсолкунандагоне, ки Тартиби мазкурро вайрон намудаанд, аз ҷониби мақомоти андоз ба мақомоти гумрук пешниҳод карда мешавад.

12. Мақомоти гумрук тибқи талаботи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи хоми шартан озодкардашударо, ки аз ҷониби молистеҳсолкунанда мақсаднок истифода гардидааст, аз назорати гумрукӣ хориҷ мекунад.

13. Мақомоти гумрук нисбат ба молистеҳсолкунанда, ки Тартиби мазкурро вайрон намудааст, чораҳои пешбининамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намуда, минбаъд барасмиятдарории воридоти мол аз ҷониби чунин молистеҳсолкунанда то иҷро намудани уҳдадории андозиву гумрукӣ бе татбиқи имтиёзҳои тарифию андозӣ амалӣ карда мешавад.

14. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки Тартиби мазкурро вайрон намудаанд, инчунин ғайриқонунӣ имтиёзҳои андозию гумрукиро истифода мебаранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

15. Мақомоти гумрук ва андоз ҳар сол то 1 феврали баъд аз соли ҳисоботӣ оид ба имтиёзҳои тарифию андозии барои молистеҳсолкунанда пешниҳодшаванда тибқи Тартиби мазкур ба мақомоти саноат, кишоварзӣ, молия, иқтисод ва дастгирии соҳибкорӣ маълумот пешниҳод менамоянд.

Замимаи 2